«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
д.и.ф. Шарифзода Ф.Х.
«05» ____________ с. 2024

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба диссертатсияи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи« Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дар шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек соли 2010 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, аз соли 2018 дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба ҳайси унвонҷӯй ба корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ машғул гардидааст. Роҳбари илмии унвонҷӯ д.и.ф., узви вобастаи АМИТ Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло мебошад.

Мавзуи диссертасияи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар ҷаласаи Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ дар суратмаҷлиси № 1 тасдиқ гардидааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ;

Забони русӣ аз 17.06.2019 баҳои «хуб »; забони англисӣ аз 26.11.2019 баҳои «хуб »; фалсафа ва илм аз 05.11.2020 баҳои «хуб » ва имтиҳон аз рӯи ихтисос (10 02. 01) Забони тоҷикӣ , аз 22.09.2023 баҳои « хуб» аз тарафи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ дода шудааст.

Диссертатсия дар заминаи осори боқимондаи устод Рӯдакӣ аз ҷумлаи китоби “Девон”-и Рӯдакӣ. -Душанбе, 2018. - 484 саҳ. ба анҷом расидааст.

**Навгониҳои илмии пажуҳиш:** Доир ба ҳаёт ва фаъолияти устод Рӯдакӣ садҳо асару мақолаҳо навишта шуда бошанд ҳам, доир ба хусусиятҳои луғавӣ - маъноӣ ва калимасозии назми устод то имрӯз кори алоҳидаи диссертатсионӣ рӯйи

кор наомадаст. Бинобар ин, чунин шакли пешниҳодшуда нахустин икдоми илмии мукаммал ба ҳисоб рафта, навгонии онро таъмин менамояд.

**Нуктаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд:**

1. Таҳқиқи таркиби луғавии осори устод Рӯдакӣ, яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ буда, ҷиҳати бозкушоии таърихи ташаккули забони тоҷикӣ ва ифшои хусусиятҳои забони давраи зиндагии шоирро дар бар мегирад.
2. Дар таърихи забони тоҷикӣ осори устод Рӯдакӣ бо рангорангии қабатҳои луғавию тарбиявӣ - ахлоқӣ ва аслию маҷозӣ офарида шудаанд нақши бузург гузошта, заминаи ба вуҷуд омадани гурӯҳҳои гуногуни мавзуиро дар забон асос гузоштааст.
3. Аз давраҳои бостонӣ сар карда, то давраи нави тараққиёти забонамон калимаҳои марбут ба узвҳои бадан ва лексемаҳои ифодакунандаи шахс дар меҳвари унсурҳои асосии таркиби луғавии забон қарор дошта, барои ифодаи маъноҳои ҳаётан муҳимми зиндагии мардум истифода мешуданд. Истифодаи маъноҳои аслию маҷозии онҳо дар назм бори аввал аз тарафи асосгузори адабиёти тоҷик – устод Рӯдакӣ сурат гирифта, шеъри шоирро рангоранг ва ҳаётӣ гардонидаанд.
4. Баррасии вижагиҳои вожагонӣ, махсусан қабатҳои луғавӣ ва сохтории осори манзуми устод Рӯдакӣ барои нишон додани таърихи ташаккули таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва муайян сохтани ташаккули қолибҳои калимасозии вандию вожаҳои копулятивию детерминативӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ.** Таҳқиқи забони осори адибони барҷастаи давраҳои гуногуни адабиётамон аҳаммияти муҳимми илмӣ дорад. Махсусан, осори устод Рӯдакӣ, ки дар саргаҳи ташаккули забони тоҷикӣ истодааст, ҷиҳати нишон додани тавоноӣ ва ташаккули сохтори забони тоҷикӣ ҳоизи аҳаммият мебошад. Масоили назариявии марбут ба қабатҳои мавзуии осори Рӯдакӣ, махсусан, соматизмҳо, лексемаҳои ифодакунандаи шахс ва сохтори морфологии вожаҳо заминаи муҳимми илмӣ дар корҳои минбаъдаи мушобеҳ буда метавонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ.** Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ барои таълими фанҳои забоншиносӣ, махсусан, таърихи забон, луғатшиносӣ, таҳлили матни осори бадеӣ, таълифи китобҳои дарсию воситаҳои таълимӣ ва фарҳангномаҳо мусоидат менамояд. Ҳамчунин, аз натиҷаҳои диссертатсия метавон дар мактабҳои олии кишвар дар курси махсуси таърихи забони адабии тоҷикӣ истифода кард.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи “Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ мегардад.

**Мубрамии хоси кори диссертатсионӣ** боз дар он зоҳир мегардад, ки перомуни масъалаи таҳқиқи қабатҳои луғавӣ ва калимасозии осори устод

Рӯдакӣ кори мукаммали диссертатсионие дар даст надорем ва диссертатсияи мазкур дар ин самт кӯшиши аввалин ба шумор меравад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар рисолааш доир ба қабатҳои луғавӣ, махсусан, соматизмҳо ва калимаҳои марбут ба шахс, ки ҳар кадом ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо карда, тахқиқ анҷом дода, исбот кардааст, ки дар самти истифодаи аксарияти калимаҳои ин соҳа дар назм устод Рӯдакӣ бунёдгузорӣ нишон дода, барои нигаҳдошти онҳо саҳми бениҳоят калон гузоштааст. Дар баробари ин, муаллифи диссертатсия қолибҳои калимаҳои сохтаю мураккаби осори адибро баррасии илмӣ карда, исбот намудааст, ки дар устувории меъёри қолибҳои калимасозӣ дар назм устод Рӯдакист, ки минбаъд аз тарафи дигар адибон равнақ ёфтааст.

**Ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсияи мазкур**

Унвонҷӯ таркиби луғавии осори адибро пурра омӯхта табақабандӣ карда, мавриди баррасии вожагонию калимасозӣ қарор дода, ҳадаф ва накшаи дар пеши худ гузоштаро дуруст дарк кардааст, гурӯҳбандии калимаҳоро бо тартиби муайяни илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, қолибҳои калимасозии ҳайати луғавии осори адибро дуруст муайян кардааст. Дар ин замина, метавон хулоса кард, ки унвонҷӯй ҳадаф ва вазифаҳои дар пеши худаш гузоштаро ба пуррагӣ иҷро кардааст.

Мухтавои тахқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Ҷурабекзода Фотима дар 7 мақолаи муаллиф, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфта,теъдод ва мухтавои онҳо ба талаботи таълифу таҳияи автореферат ва диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ мувофиқ мебошнд ва рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Ҷурабекзода Ф. Ҷ. Омофонҳо дар забони тоҷикӣ [Матн] / Ф.Ҷ. Ҷурабекзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020, -№4. -С. 18-22.

[2-М ]. Ҷурабекзода Ф. Ҷ. Баррасии истилоҳоти хешутаборӣ дар осори устод Рӯдакӣ [Матн] / Ҷурабекзода Ф. Ҷ. // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ). -Душанбе, 2022, -№1. – С. 85-93.

[3-М]. Ҷурабекзода Ф.Ҷ. Баррасии сифатҳои мураккаб дар осори Рӯдакӣ [Матн] / Ф. Ҷ. Ҷурабекзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ). -Душанбе, 2022, -№9. – С. 34-39.

[4-ҲМ]. Раҳматуллозода С.Р., Ҷурабекзода Ф.Ҷ. Истифодаи узвҳои инсон дар осори Рӯдакӣ [Матн] / Раҳматуллозода С. Р., Ҷурабекзода Ф. Ҷ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ) . -Душанбе, 2023 №6. -С. 5-10.

[5-М]. Ҷурабекзода Ф.Ҷ. Калимаҳои мураккаби исмӣ дар осори Абуабдулло Рӯдакӣ. // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ). -Душанбе, 2023, -№4. – С. 85-95.

**Таълифоти муаллиф, дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М ]. Ҷурабекзода Ф. Ҷ. Таҳқиқи як қабати луғавӣ дар осори Абуабдулло Рӯдакӣ [Матн] / Ф. Ҷ. Ҷурабекзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии забони модарӣ (21-ми феврали соли 2022) дар мавзуи «Истиқлолияти давлатӣ ва рушди забони модарӣ». -Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2022. –С. 112-117.

[7-М]. Ҷурабекзода Ф. Ҷ. Калимаи “дил” дар ашъори устод Рӯдакӣ [Матн] / Ф. Ҷ. Ҷурабекзода // Забон дорӣ ҷаҳон дорӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ “Саҳми Пешвои миллат дар тақвияти забони тоҷикӣ”

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз ихтисоршудаҳо, муқаддима, ду боб, 7 фасл, 23 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, феҳристи адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, 186 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар маҷлиси шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (протоколи № 1. аз 03.01.2024) муҳокима гардида, ба дифоъ тавсия дода шудааст.

Дар ҷаласа иштирок карданд:13 нафар докторон ва номзадони илм.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор 13 нафар», « муқобил нест», « бетараф нест», қарори № 1 аз 3.01.2024.

**Раиси маҷлис**:

**Мудири шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ**
**Номзади илми филология** **Мирзоев Сайфиддин.**

**Котиби илмӣ: Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ**
**номзади илми филология** **Мамадаминова Замира**

**Имзоҳои С. Мирзоев ва З. Маҳмадаминоваро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо** **Нарзиқулова Ҳилола**